**ХУЛОСАИ**
**КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи номзадии Фурқати Сикандари Қаландар дар мавзӯи «Методикаи таълими графикаи компютерӣ бо истифода аз амсиласозии математикӣ ҳангоми омодасозии мутахассисони босалоҳият» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)**

Комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Фурқати Сикандари Қаландар дар мавзӯи «Методикаи таълими графикаи компютерӣ бо истифода аз амсиласозии математикӣ ҳангоми омодасозии мутахассисони босалоҳият» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) дар ҳайати зерин комиссия тибқи қарори Шурои диссертатсионӣ аз 9-уми июни соли 2023 интихоб карда шуданд:

1. **Ашурова Дилором** – дотсент, доктори илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.08. 01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ, таҳсилоти касбӣ.
2. **Гулова Маърифат Табаровна** – дотсент, номзади илмҳои физикаю математика, аз рӯи ихтисоси 13.00.08. 01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ, таҳсилоти касбӣ.
3. **Гулманов Усман Рустамович** – номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.08. 01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ, таҳсилоти касбӣ.

Рисолаи мазкур ба яке аз асосноккунии назариявӣ, коркард ва апробатсияи раванди омоданамоии умумикасбии донишҷӯёни зинаи бакалавриат дар раванди кори таҷрибавию ҷустуҷӯи методикаи таълими графикаи компютерӣ бо истифода аз амсиласозии математикӣ мебошад.

Асоси падидаи раванди омоданамоии умумикасбии донишҷӯёни зинаи бакалавриати муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар таълими графикаи компютерӣ, мебошад.

Шарти асосии амалӣ кардани **унвонҷӯ** ин ҳадаф беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот, ҷорӣ кардани усулҳои нави таълим ва самаранок истифода намудани соатҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ миқдори зиёди мақолаҳо Фурқати Сикандари Қаландар муайян кардааст, ки он солҳои охир дар мавзӯи «Методикаи таълими графикаи компютерӣ бо истифода аз амсиласозии математикӣ ҳангоми омодасозии мутахассисони босалоҳият» фаъолияти ҷанбаи ташкилию технологии он, мақсаднокии мустақилонаю маърифатии мазмун ва самаранокии истифодаи таълими ҳамгиро ва монанди ин иншо шудаанд.

Дар натиҷаи омузиш ва таҳлили асосҳои илми-назариявии муаммои таҷдидшаванда муаллиф имконият пайдо намудааст, ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва имкониятҳои методикаи амсиласозии компютерӣ дар таълими графикаи компютерӣ ба донишҷӯёни донишгоҳҳо, ташаккул додани омодагии мутахассис ба талаботи бозори меҳнат бо хусусияти муносибатҳо дар сатҳҳои ҳавасмандкунӣ-мақсаднокӣ, аксиологӣ, фаъолиятӣ-просессуалӣ, рефлексивӣ-баҳодиҳӣ муайян карда мешавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки яке аз ҷузъҳои мусбии корро он нуқта собит менамояд, ки унвонҷӯ нахуст методикаи амсиласозии компютерӣ дар таълими графикаи компютерӣ ба донишҷӯёни МТОК, ки барои баланд бардоштани самаранокии дастовардҳои таълимӣ мусоидат намуда, омодагии мутахассиси ояндаро ба риояи талаботи муосири бозори меҳнат дар сатҳҳои ҳавасмандкунӣ-мақсаднок, аксиологӣ, фаъолият-просессуалӣ, рефлексивӣ-баҳодиҳӣ таъмин мекунад, таҳия ва пешниҳод шудааст мавриди омузиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст.

Дар асоси чунин муносибат ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар корҳои озмоишӣ таҷрибавӣ теъдоди муайяни ихтисосҳои равияҳои 1-40010202 (Низом ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт), 1-400101 (Таъминоти барномавии технологияҳои иттилоотӣ), 1-400102 (Технология ва низоми иттилоотӣ дар энергетика), 1-74060501 (Таъмини энергетикӣ-кишоварзӣ (аз рӯйи самтҳо) мебошад, ки дар он теъдоди умумии интихобшудагони гурӯҳҳои экспериментиро 198 нафар донишҷӯён ташкил карданд. Асоси кори таҷрибавӣ ва ҷустуҷӯӣ фаъолияти педагогии муаллиф ҳамчун муаллими фанҳои информатика ва технологияи иттилоотӣ дар МТОК буд.

Ҷолиби қайд аст, ки бо таҳлили корҳои назариявӣ ва илмию методӣ оид ба ин масъала, интихоб ва татбиқи маҷмуи усулҳои ба мақсад ва вазифаҳои тадқиқот мувофиқ, такроршавандагии натиҷаҳои тадқиқот муайян карда мешавад ва дар амал ҷорӣ намудани онҳо, мунтазам тафтиш кардани натиҷаҳои тадқиқот оид ба марҳилаҳои гуногуни корҳои таҷрибавии ҷустуҷӯӣ, бо истифода аз усулҳои коркарди математикӣ ва статистикии маълумоти таҷрибавӣ, тасдиқи фарзияи тадқиқотӣ бо натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-ҷустуҷӯӣ собит мегардад, марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Фарҳанги мутаносиби унвонҷу имконият додааст, ки у тибқи шиносномаи ихтисоси 13.00.08. – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) мувофиқ буда дастгоҳи илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд. Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи тадқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи тадқиқот асоснокаанд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби тадқиқотӣ мебошад. Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика нақши муайян дорад. Дар асоси гуфтаҳои болои комиссияи ташхиси назди Шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 чунин хулоса менамояд:

1. Диссертатсияи Фурқати Сикандари Қаландар дар мавзуи «Методикаи таълими графикаи компютерӣ бо истифода аз амсиласозии математикӣ ҳангоми омодасозии мутахассисони босалоҳият» мутобиқ ба талаботи банди 53-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ; гардидааст, иҷро шудааст. Дисссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи технологияҳои барномасозӣ, зеҳни сунъӣ ва математикаи олии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар «Хулосаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб» ба диссертатсия баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст.
2. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ ва мустақилона анҷомёфта буда, пажуҳиши ҳамаҷонибаи муайян намудани имкониятҳои дидактикии рушди эҷодкории донишҷуёнро дар машғулиятҳои фанҳои табиӣ-риёзӣ фаро мегирад.
3. Дар диссертатсия пешниҳоду хулосаҳои илмии асоснок ва боэътимод коркард шудаанд, ки дар самаранокии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, дар муайян намудани имкониятҳои амсиласозии математикӣ дар таълими графикаи компютерӣ дар самти фанҳои табиӣ-риёзӣ, такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои конунгузории сохаи маорифи кишвар доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.
4. Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ

(информатика), ки аз руи он ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2022, №126 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, тахқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосхое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҷурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 17 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 2-тояшро монографияҳо, васоит ва дастурҳои таълимию методии аз ҷониби Шӯрои илмӣ-методии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб тавсияшуда, 5-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ банашррасида, аз ҷумла 3-тояш дар алоҳидагӣ ва 10-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида, аз ҷумла дар нашрияҳои шомили пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru, маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ ташкил додаанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.
6. Дар тахқиқоти диссертатсионии Фурқати Сикандари Қаландар истифодаи мавод бе нишон додани маъҳаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъҳаз тавассути иктибос ба расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.
7. Диссертатсия ба талаботи банди 31-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад.

Навгонии илмӣ ва муқарароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд. Комисссияи ташхисӣ

талаботи банди 61-уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Фурқати Сикандари Қаландар дар мавзуи «Методикаи таълими графикаи компютерӣ бо истифода аз амсиласозии математикӣ ҳангоми омодасозии мутахасисони босалоҳият» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба **ҳимоя** қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:
3. **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович**, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
1. **Восидов Шамсиддин Юсуфович**, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи мошинҳои ҳисоббарор, системаҳо ва шабакаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
2. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи муқарризи диссертатсия **Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров** таъин карда шавад.
3. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия, д.и.п., дотсент — Ашурова Д.

Узви комиссия, н.и.ф.м., дотсент — Гулова М.Т.

Узви комиссия, н.и.п. муаллими калон — Гулманов У.Р.